


## МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи санаи 29-уми октябри соли 2025 гузаронидани конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди низоми пулии кишвар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» баргузор мегардад. Ба конфронси мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ширкатҳои соҳибкорӣ даъват карда мешаванд.

**Дар конфронс масоилҳои зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:**

1. Ҷараёни рақамикунонии иқтисод ва таъсири он ба соҳаҳои гуногун;
2. Зарурияти мутобиқшавии низоми пулӣ ба шароити нави рақамӣ;
3. Монеаҳои рушди низоми пулии классикӣ дар фазои рақамӣ;
4. Рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ва молиявӣ;
5. Зарурати таҳаввулот дар низоми пулӣ бо дарназардошти рушди иқтисоди рақамӣ.
6. Маҳдудиятҳо ва имкониятҳои ҷорӣ кардани пулҳои рақамӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд.

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфронс хоҳиши ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то 13-уми октябри соли 2025 мақолаҳои худро ба суроғаи электронии conference_tguk@internet.ru, ирсол ва ё дар шакли электронӣ ба суроғаи 734061, ш. Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон манзур намоянд.

Забони конфронс: *тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.*

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;
- номи мавзӯъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14 пт) навишта шуда, матни пурраи маърӯза ва рӯйхати адабиёт;
- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан [**2, с.42**]) оварда шаванд;
- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp», «jpg», «dwg», «gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад.

**Намуна**

Марупова Нигора Шоназаровна
дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ
E-mail:____________________________

# МОНЕАҲОИ РУШДИ НИЗОМИ ПУЛИИ КЛАССИКӢ ДАР ФАЗОИ РАҚАМӢ

Аннататсия: .....

Калидвожаҳо: ...... . . . . .

Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн......

АДАБИЁТ

1. А
2. Б
3. В

Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то 13-уми октябри соли 2025 пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

Даъватҳо барои иштирок дар конфронс то 15-уми октябри соли 2025 фиристода мешаванд.

Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич (мутасаддӣ)
Тел.: (+992 93) 4444186
E-mail: conference_tguk@internet.ru

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**